**ТДУ.338:6351.6(575,3)**

# РОҲҲОИ АСОСИИ НОИЛ ШУДАН БА РУШДИ УСТУВОРИ ПАРАНДАПАРВАРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Мадаминов А.А.**- д.и.и., профессор, **Бобоазиззода Ш.А.-** н.и.и.,
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ**: технология, истеҳсолот, хароҷот, ҳосилнокӣ, арзиши аслӣ, рушди устувор, даромаднокӣ.*

Парандапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, аҳолиро бо маҳсулоти баландсифати парҳезӣ ва ғизои сафедадор – тухм ва гӯшт таъмин менамояд. Ин соҳа, ки парвариш ва нигоҳубини намудҳои гуногуни парандаҳо ва самтҳои гуногуни истеҳсолиро дарбар мегирад: тухм, гӯшт, парандаҳои навъи зотӣ, ки бо истеҳсоли камтарини мавсимӣ фарқ менамоянд. Таъсиси фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди соҳаи парандапаравӣ имкониятҳои зарурӣро пайдо мекунад, яъне истифодабарии пурраи захираҳои меҳнатӣ, ворид гардидани даромади яксела ва таъмини мунтазами аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ дар давоми сол мусоидат мекунад.

Гуфтан ба маврид аст, ки манфиати соҳаи парандапарварӣ нисбат ба дигар соҳаҳои чорводорӣ баръало дида мешавад ва зарурати ҳалли ҳамаи мушкилот дар рушди соҳа имконпазир аст. Яке аз самтҳои муҳимтарини татбиқи вазифаҳои зикргардида - истифодаи пурраи захираҳои ҷамъовардаи иқтидори соҳаи парандапарварӣ , дастовардҳои охирини илм, техника, технология ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дарк намудани имкониятҳои назаррас ҷиҳати парвариши парандаҳо ҳамчун истеҳсолоти саноатӣ ҳанӯз ҳам муҳим аст, дар сурате, ки дар иқтисодиёти иҷтимоӣ тағйиротҳо ба амал омада истодаанд ва ҳолати умумии иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ паст гардида истодааст. Истеҳсолот суст гардида, нишондодҳои сифатнокӣ паст мешаванд ва сатҳи иҷтимоӣ дар деҳот бошиддат баланд рафта истодааст. Дар айни замон, бояд қайд кард, ки дар коҳиш додани нишондиҳандаҳои миқдорӣ, бозор “гунаҳкор” нест, балки дар чӣ гуна истифодабарии механизми бозор аст, чӣ гуна ислоҳоти аграрӣ ва умуман ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида мешавад, азбаски бисёр омилҳои манфӣ дар раванди соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар соҳаи парандапарварӣ берун аз соҳаи кишоварзӣ қарор доранд. Масалан, танҳо монополияи «шарикон» дар маҷмӯаи агросаноатӣ ва ниҳоят, дар ҳолати муносибати боэътимодии муносибатҳои молию пулӣ хеле муҳим аст, ки ин пешниҳод беэътиноӣ намекунад, агар роҳнамоҳои иқтисодӣ, тарзи фаъолияти ҳаррӯза дар замин бо истифодаи воситаҳои нав равона карда шаванд ва принсипҳои фаъолияти истеҳсолӣ , пешбурди механизми бозор, беҳтар намудани он ва танзими механизми мазкур, ки ба шароити мушаххас асос ёфтаанд бояд ба роҳ монда шавад.

Гунаҳкор намудани мақомоти дахлдор ҷиҳати ба бахши кишоварзӣ диққати бештар додан, татбиқ намудани чораҳои дастгирии ҳимояи он ва ғайра кори нодуруст аст. Вале мо бояд воқеияти ҳаёт, иқтидори воқеии давлатиро пеш аз ҳама, захираҳои буҷетӣ , вазъи бозор, сатҳи пасти талабот, қобилияти харидории аҳолиро ба инобат гирем ва бештар аз он, дигар мақомот сабабҳои объективӣ ва субъективиро ба инобат гирем. Айни замон имконияти зуд тағйир додани ин ҳолатро ҳукумати маҳаллӣ ё ки мамлакат надорад. Ин воқеият ва шароитҳо чунинанд, ки роҳи ҷустуҷӯро, пеш аз ҳама, дар истифодабарии ҳарчи бештари захираҳои мавҷуда ва имкониятҳо дар ҳар як хоҷагии мушаххас дар асоси принсипҳо ва қонунҳои иқтисоди бозоргонӣ дарёфт намоем.

Ин дар ҳолест, ки чун пештара, дар шароити якрангии иқтисодӣ ва дигар шароит, бо назардошти кам гардидани заминаи захиравии соҳаи аграрӣ баъзе хоҷагиҳо, ноҳияҳо, минтақаҳо, ҳатто баъзе соҳаҳо ба нишондиҳандаҳои беҳтарини баланд ва босифати рушди иқтисодӣ ноил мегарданд, истеҳсолотро сермаҳсул ва самараноктар истифода мебаранд, баъзеҳо бошанд баръакс. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар тамоми корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон саршумори паранда

тамоюли болоравиро дорад, ки маълумоти дар ҷадвали 1. овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд.

Маълумоти оварда шудаи ҷадвали 1. аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соли 2019 саршумори паранда дар ҷумҳурӣ 2 маротиба нисбат ба соли 2010-ум афзоиш назаррас дорад. Аз таҳлили нишондодҳои додашуда маълум мегардад, ки соли 2016 нисбат ба соли 2010 ба ғайр аз ноҳияҳои тобеи марказ дар дигар минтақаҳои ҷумҳур саршумори паранда аз 2,3 то 8,3 маротиба афзоиш ёфтааст. Махсусан, ин маълумоти миқдорӣ нишондиҳандаи ниҳоии самаранокии рушди соҳа ба ҳисоб намеравад, бинобар ин ба назари мо барои муайян кардани он зарур аст, ки нишондиҳандаи сифатнокии он, ки метавонем ба маҳсулнокӣ нисбат диҳем, омӯхта шавад.

**Ҷадвали 1.-Саршумори паранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. сар**

| Ҷумҳурӣ ва минтақаҳо | Солҳо | | | | | Соли 2019 бо % нисбати соли 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2012 | 2014 | 2015 | 2019 | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла: | 4402,7 | 4851,1 | 5248,0 | 5143,0 | 9036 | 2 маротиба |
| ВМКБ | 122,3 | 126,3 | 128,2 | 128,2 | 1021,6 | 8,3 маротиба |
| Вилояти Хатлон | 1079,7 | 155,8 | 1629,2 | 1697,8 | 2050 | 1,8 маротиба |
| Вилояти Суғд | 1441,0 | 1336,0 | 1521,6 | 1684,4 | 3450 | 2,3 маротиба |
| НТҶ | 1756,0 | 1832,0 | 1969,0 | 1632,6 | 2614,4 | 1,4 маротиба |

**Манбаъ:** *Ҷадвал аз ҷониби муаллифон бо маводи омории КВД “Саноати парандпарварии Тоҷикистон” ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017.-С.-49-53 тартиб дода шудааст.*

Ҷадвали дар поён овардашуда шаҳодат медиҳад, ки афзоиши мунтазами саршумори парандагон ба афзоиши назаррас дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ мусоидат менамояд, тавре дар маълумоти ҷадвали 2. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2. -Истеҳсоли маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | | | Соли 2016 бо % нисбати соли 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2019 | |
| | Истеҳсоли тухм, млн. дона | | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 231,9 | 254,7 | 291,6 | 343,7 | 350,0 | 357,2 | 725,7 | 3,1 мар. |
| ВМКБ | 5,31 | 5,4 | 5,31 | 5,33 | 5,36 | 4,2 | 25,7 | 4,8 мар. |
| Вилояти Хатлон | 55,9 | 61,1 | 93,8 | 122,4 | 125,1 | 95,1 | 208 | 3,7 мар. |
| Вилояти Суғд | 44,2 | 49,0 | 52,35 | 57,3 | 60,8 | 98,1 | 304 | 6,8мар. |
| НТМ | 126,5 | 136,3 | 141,0 | 158,7 | 158,7 | 159,2 | 188 | 1,5 мар. |
| Истеҳсоли гӯшти паранда, ҳаз. тонна | | | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3,4 | 3,4 | 3,9 | 4,2 | 5,0 | 6,4 | 27 | 7,9 мар. |
| Вилояти Хатлон | 0,4 | 0,4 | 1,71 | 1,85 | 1,9 | 2,1 | 8,1 | 20 мар |
| Вилояти Суғд | 0,8 | 0,7 | 1,29 | 1,27 | 2,0,5 | 2,6 | 11,1 | 13,8 мар. |
| НТМ | 2,2 | 2,2 | 0,9 | 1,08 | 1,05 | 1,7 | 7,8 | 3,5 мар. |

**Манбаъ:** *Ҷадвал аз ҷониби муаллифон бо истифода аз маводи омории КВД “Саноати парандпарварии Тоҷикистон” ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020.-С. 49-53 тартиб дода шудааст.*

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2. нишон медиҳад, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2010 истеҳсоли маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он афзоиши назаррас ёфтааст. Махсусан, истеҳсоли тухм дар ҷумҳурӣ дар соли 2019-ум ба 493,8 млн дона ва ё 3,7 маротиба дар вилоятҳои Хатлон ба 3,7 маротиба ё ба андозаи 152,1 млн дона ва дар вилояти Суғд бошад, ин нишондиҳандаҳо зиёдтар ба назар мерасанд, яъне 259,8 млн дона ва ё 6,8 маротиба зиёд истеҳсол шудааст. Инчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки истеҳсоли гӯшти паранда дар кишвар ва минтақаҳои он нисбати 5 сол пеш ба андозаи 7,9 маротиба зиёд гардид, ки афзоиши самараноки истеҳсолоти парандаро нишон дода сабаби якбора рушди истеҳсолоти ин маҳсулот аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин солҳо ба фаъолият шурӯъ намудани якчанд корхонаҳои парандапарварӣ дар самти гӯшт мебошад.

Бояд қайд кард, ки яке аз сарчашмаҳои рушди соҳаи парандапарварӣ ин таъминоти пурраи соҳаи парандапарварӣ бо хӯрокаи серғизои омехта ва риояи қатъии технологияҳои муосир ҷиҳати парвариши парандаҳо дар ҳамаи давраи истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Аз маълумоти ҷадвали 3. бармеояд, ки тухмдиҳии мурғон тамоюли афзоишро дорад.

Дар шароити кунунӣ , сатҳи мурғони тухмдиҳанда – мокиёнҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар соли 2019-ум нисбат ба соли 2010-ум аз 15,4% то 27,3% зиёд

гардидааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки сабаби асосии суръати инкишофи мурғони тухмдиҳанда дар кишвар аз ҳисоби талабот ба тухм ва истифодаи технологияҳои муосир дар корхонаҳои парандапарварӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки шароити фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳар минтақа, ноҳияҳо ва ҳатто дар хоҷагиҳо якхела намебошанд, бинобар ин, нишондиҳандаҳои иқтисодии парандаҳои намуди зотии тухмӣ муқоисанашаванда мебошанд.

**Ҷадвали 3.-Суръати инкишофи мурғони тухмдиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019, ҳаз. сар**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | | Соли 2019 бо % нисбати соли 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2017 | 2019 | |
| Ҷумҳурии Тоҷикстон | 168 | 191 | 222 | 222 | 220 | 202 | 120,2 |
| Вилояти Хатлон | 168 | 178 | 180 | 180 | 210 | 201 | 119,6 |
| Вилояти Суғд | 161 | 204 | 256 | 257 | 246 | 205 | 127,3 |
| НТМ | 175 | 189 | 209 | 209 | 210 | 202 | 115,4 |

**Манбаъ:** *Ҷадвал аз ҷониби муаллифон бо маводи омории КВД “Саноати парандпарварии Тоҷикистон” ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020.-С.-49-53 тартиб дода шудааст.*

Таҳлилҳои дар боло зикргардида оид ба хусусияти арзиши нархгузориҳо дар савдои давлатӣ ва бозорӣ нишон дод, ки сатҳи нархи озоди бозор, асосан бо назардошти талабот ва таъминот муқаррар карда мешавад. Дар иқтисодиёти бозоргонӣ , низоми нархгузорӣ тағйирпазир мебошад ва ба шароити бозор ҳассосона таъсир мерасонад. Чунон ки аз ҷадвали таҳлилшуда дида мешавад, нархҳо дар бозори озод тахминан 5-10% нисбат ба савдои давлатӣ баландтар аст. Бо вуҷуди ин, фарқият дар даврае, ки маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ кам истеҳсол мешуд, баландтар мебошад. Таъмини амнияти ғизоӣ барномаи муҳимтарини стратегии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аст ва дар он зиёд намудани саршумор, маҳсулнокии чорво, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти чорво низ ҷойгоҳу аҳамияти хоса доранд.

Вазъияти умумии бӯҳрони иқтисодӣ , ки дар натиҷа ба пастшавии қурби пули миллӣ таъсир кард, ба шароити зиндагии аҳолии асосӣ таъсири худро расонид. Сатҳи паст гардидани даромади моддии аҳолӣ ба тағйироти сохтори хароҷоти истеъмолӣ низ таъсир намуд. Ҳиссаи сарф намудани воситаҳои пулии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеъмол дар соли 2016 аз 29,2 % то 50,7 % афзуд. Ҳамаи ин ба сохтори истеъмолии намудҳои асосии озуқаворӣ , ки дар маълумоти ҷадвали 4. нишон дода шудаанд, бетаъсир буда наметавонад.

**Ҷадвали 4.-Истеъмоли намудҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кг**

| Номгӯи | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ , аз ҷумла гӯшти паранда | 13,9<br>1.0 | 14,9<br>1,0 | 14,6<br>1.1 | 14,8<br>1.3 | 14,0<br>1,5 | 14,2<br>1,7 | 13,1<br>2,8 |
| Шир | 52,0 | 58,8 | 57,5 | 59,5 | 58,1 | 60,5 | 63,8 |
| Тухм, дона | 62 | 71 | 72 | 68 | 76 | 84 | 92 |

**Манбаъ:** *ҳисоботи муаллифон, дар асоси маводи омории КВД “Саноати парандапарварии Тоҷикистон”. Маҷмӯаи оморӣ . Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020.-С.-15-40.*

Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳанд, ки истеъмоли намудҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла маҳсулоти паранда гушт 2,8кг ва тухм 92 донаро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки яке аз омилҳои асосие, ки ба маҳсулнокӣ , сифати маҳсулот, саломатии паранда ва таъмини самаранокии истеҳсоли маҳсулоти тухм ва гӯшти паранда таъсир мерасонад, бо хӯрокаи хушсифат таъмин намудан мебошад.

Гузаронидани таҳлилҳо оид ба ҷараёни инкишофи маҳсулнокии паранда, сатҳи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва дар минтақаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ба мо имкон медиҳад, ки ба чунин хулоса оем, дар муқоиса бо вазъияти зиёд гардидани тамоюлҳои манфӣ дар истеҳсолоти аграрӣ , нишондиҳандаҳои асосӣ дар як қатор ноҳияҳо, бисёр хоҷагиҳо паст нашудаанд, оҳиста ҳам бошад, афзоиш ёфта истодаанд. Муайян шудааст, ки ин афзоиш хеле муҳим ҳисобида мешавад, агар хоҷагиҳо дар самти ба даст овардани самаранокии

истифодабарии захираҳо бо истифода аз усули механизми хоҷагидорӣ кӯшиш намоянд ҳам дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳам дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дастгирӣ карда шаванд. Бидуни ин, дар ҳақиқат мушкилоти иловагии сунъӣ дар рушди истеҳсоли маҳсулоти аграрии хусусӣ, махсусан соҳаи парандапарварӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамаи ин шаҳодат медиҳад, ки масъалаи самаранокии соҳаи парандапарварӣ ва пеш аз ҳама, истифодаи иқтидори захираҳои мавҷуда ҳоло аҳамияти аввалиндараҷаи иқтисодӣ ва иҷтимоиро касб кардааст.

Дар ҳақиқат, аз сабаби дигаргунӣ дар нархгузориҳо, маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ камфоида арзёбӣ мегардад, шумораи зиёди хоҷагиҳои парандапарварӣ коҳиши шумораи парандаҳоро идома медиҳанд, сохтмони инфрасохтори саноатӣ ва ё иҷтимоӣ боздошта мешаванд ва ё корро қатъ менамоянд.

Ин ҳолат рушди устувори парандапарвариро мувофиқи талаботи замон таъмин карда наметавонад.

## АДАБИЁТ


1. Бобоазиззода Ш. Развития птице-продуктовного подкомплекса АПК на основе модернизации и инновационной деятельности / Бобоазиззода Ш. // ТАУ // Кишоварз, 2015.-№2 (66).-С.-86-88.
2. Бобоазиззода Ш. Эффективность продукции птицеводства в Республике Таджикистан / Ш. Бобоазиззода // ТАУ // Кишоварз, 2015.-№4 (68).-С. 83-85.
3. Бобоазиззода Ш. Эффективность продукции птицеводства в продовольственной безопастности и экономике АПК Республики Таджикистана / Ш. Бобоазиззода // Кишоварз, 2016.-№2 (70).-С.-67-70.
4. Вохидов В.В., Гафуров Х., Умаров Х. – Хлопководство, прошлое, настоящее и будущее //Экономика Та-джикистана: стратегия развития, Душанбе, 2003.-№ 1.–С.-65.
5. Мадаминов А.А. Масъалаҳои рушди боустувори бахши аграрии Тоҷикистон / А.А. Мадаминов, Душанбе, 2006.-300 с
6. Мадаминов А.А. Таъсири вазъи иқтисодиёт ба рушди боустувори хоҷагии қишлоқ / А.А. Мадаминов, Душанбе, НПИ. Марказ, 2001.-С. 2-4.
7. Мадаминов А.А. Шароити ташкилӣ -иқтисодии ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А. Мадаминов, А. Миркамолов, Н.И. Амиров.-Душанбе, НПИ Марказ, 2003.-№18.-С. 126.
8. Мадаминов А.А., Таъсири такмилдиҳии инфрасохтори деҳот барои рушди боустувори хоҷагии қишлоқ / А.А. Мадаминов.-Душанбе: Экспресс маълумот НПИ марказ, 2001.-№7.-С. 8.
9. Насыров Р. Некоторые особенности повышения эффективности садоводства // Р. Насыров, Г. Мирзоев Кишоварз, ТАУ, Душанбе, 2007.-№3-4 (37).-С.-27-28.
10. Раҳмонов Э.Ш. Баъзе тадбирҳо оид ба устуворкунӣ ва рушди маҷмааи агросаноатии кишвар / Э.Ш. Раҳмонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегия ва рушд, Душанбе, 2000.-№1.


## АННОТАЦИЯ

## ОСНОВНЫЕ ПУТИ ДОСТИЖЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПТИЦЕВОДСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ


В данной статье автор подробно анализирует современное состояние птицеводства, на примере птицеводческих предприятий и предлагает основные пути достижения устойчивого развития этой отрасли для страны.



***Ключевые слова:*** *технология, производство, стоимость, производительность, стоимость, устойчивое развитие, рентабельность.*


## ANNOTATION

## MAIN WAYS TO ACHIEVE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF POULTRY IN TAJIKISTAN


In this article, the author analyzes in detail the current state of poultry farming for example the poultry enterprises and suggests the main ways to achieve sustainable development of this industry for the country.



***Key words***: *technology, production, cost, productivity, sustainable development, profitability.*